# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 8 майи соли 2025, №47**

Барои сазовор донистани Раҷабзода Маҳмадулло шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи "Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд,".

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 29 январи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №26-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 04.01.1958 таваллуд шуда, соли 1983 факултети забон ва адабиёти руси Донишкадаи давлатии педагогии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакиро (Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ) бо ихтисоси "Забон ва адабиёти рус бо ихтисоси иловагии педагогика" (диплом ИВ № 968382) хатм намудааст.

Раҷабзода Маҳмадулло соли 2004 рисолаи номзадиашро дар мавзуи "Ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият дар Шоҳномаи Фирдасӣ" дар шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҳимоя намудааст.

Раҷабзода Маҳмадулло *солҳои 1983-1993* омӯзгори забон ва адабиёти руси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 6 шаҳри Ҳисор ва № 2 ноҳияи Мӯъминобод, *солҳои 1993-1994* методисти шуъбаи таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, *солҳои 1994-2002* декани шуъбаи рӯзона ва ғоибонаи Коллеҷи савдои ш. Душанбе, *солҳои 2002-2005* муовини ректор оид ба тарбия, масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, декани факултети омӯзиши ғоибона ва муовини ректор оид ба таълими Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов, *солҳои 2005-2008* декани факултети филологияи рус, солҳои 2008 -2009 муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба

номи Сотим Улуғзода, *солҳои 2009-2014* декани факултети забон ва адабиѐти руси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, *солҳои 2014-2015* муовини директор оид ба илми Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, *солҳои 2015 – 2016* муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, *солҳои 2016 - 2020* бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2016, №13 ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода), *солҳои 2021 – 2024* сардори шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, муовини сардори раѐсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2024 инҷониб ба ҳайси мушовири ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Раҷабзода Маҳмадулло солҳои 2019-2025 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурда аст.

Кори диссертатсионии Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи “Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд” дар Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 30-юми апрели соли 2020, № 9/3-5 тасдиқ шудааст.

Мушовири илмӣ: Каримова Ирина Холовна – доктори илмҳои педагогӣ, академик, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

Булбулов Ҷума – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моѐншо Назаршоев;

Сайфуллоев Хайрулло Габдуллаевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони олмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Дар тақризи мусбати худ, аз 19 марти соли 2025, протоколи №8 А, ки онро раиси ҷаласа, мудири кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ-и "ДДБ ба номи Носири Хусрав" номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бобоева Г.Ш., эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ-и "ДДБ ба номи Носири Хусрав»" Абдураҳимзода Қ.С., котиби илмии ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ-и "ДДБ ба номи Носири Хусрав" Қурбонов Ф.А. имзо карда, ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, кори илмии квалификатсионӣ буда, дар он дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф муқаррароти назариявие коркард шудаанд, ки маҷмуан онҳоро ҳамчун дастоварди илмӣ, ки аҳаммияти иҷтимоӣ доранд, тавсиф кардан имкон дорад. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада метавонанд дар рушди кишвар саҳм гузоранд.

Дар маҷмуъ, таҳлили муҳтавои диссертатсияи Раҷабзода М. нишон медиҳад, ки он аз нуқтаи назари баёни масъалаҳои бунёдии илми педагогика, маводи баррасишуда ва илман асоснок будани тарзу услуби гузориш ва ҳалли масъалаҳо кори мукаммали илмӣ мебошад. Сатҳи баланди илмӣ дар инъикоси масъалаҳо, робитаи мантиқии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, баёни хулосаву тавсияҳои муаллиф зимни таҳқиқоти диссертасионӣ ба пуррагӣ таъмин гардидааст. Бо эътимоди комил метавон таъкид намуд, ки диссертатсияи тақризшаванда кори илмии пурарзиш ва асил дар педагогикаи ватанӣ мебошад.

Инчунин, қайд шуд, ки  Раҷабзода Маҳмадулло довталаби дараҷаи илмӣ 41 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 21 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1 - М]. Раҷабов, М. Проблемаи пажӯҳишҳои педагогӣ: таҳқиқи мавридӣ / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2010. – № 4 (60). – С. 301-305. ISSN 2074-1847.

[2 - М]. Раджабов, М. Наукометрические исследования научных кадров ТГПУ им. Садриддина Айни за период с 1981по 1991 гг. / М. Раджабов //

Вестник педагогического университета. – 2012. – №5 (48). – С. 203-205. ISSN 2219–5408.
[3 - М]. Раҷабов, М. Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон: таҳқиқоти наукометрӣ дар пояи усули ҳисоби интишорӣ / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2012. - №5 (48). – С. 205-208. ISSN 2219–5408.
[4 - М]. Раҷабов, М. Наукометрическая оценка продуктивности диссертаций, защищенных в Республике Таджикистан (педагогические науки) / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2013. - №1 (50). – С. 309-315. ISSN 2219–5408.
[5 - М]. Раҷабов, М. Омӯзиши ақидаҳои педагогии Садриддин Айнӣ дар солҳои 50-70-уми садаи XX: таҳқиқоти илмсанҷӣ / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2013. – №1 (50). – С. 315-319. ISSN 2219–5408.
[6 - М]. Раҷабов, М. Наукометрический анализ результативности диссертаций, защищенных в диссертационном совете НИИ развития образования / М. Раҷабов // Вестник педагогического университета. – 2013. - №2 (51). – С.191-193. ISSN 2219–5408.
[7 - М]. Раҷабов, М. Шуроҳои диссертатсионӣ: зарурият ба таҳқиқоти наукометрӣ / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2013. - №2 (51). – С. 193-199. ISSN 2219–5408.
[8 - М]. Раджабов, М. Наукометрия ведущая от информационного прогресса к международному сотрудничеству / М. Раджабов // Вестник педагогического университета. – 2013. – №6 (55). – С. 236-239. ISSN 2219–5408.
[9 - М]. Раджабов, М. Квалиметрия научных работ таджикских учѐных: состояние и проблемы / М. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. - № 3/2 (132). – С. 205-208. ISSN 2074-1847.
[10 - М]. Раджабов, М. Об анализе и результативность защиты диссертаций на Диссертационном совете Академии образования Таджикистана / М. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. -2014. - № 3/8 (150). – Ч. 1. – С. 192-198. ISSN 2074-1847.
[11 - М]. Раджабов, М. Оценка качества и эффективность педагогических исследований в Таджикистане / М. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – №3/8(150). – С. 230-234. ISSN 2074-1847.
[12 - М]. Раджабов, М. Квалиметрия научных исследований на современном этапе / М. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. - №3/9 (154). – С. 211-214. ISSN 2074-1847.
[13 - М]. Раджабов, М. Становление таджикской педагогической наукометрии: состояние и перспективы / М. Раджабов // Вестник педагогического университета. – 2014. - №6(61). – С. 227-232. ISSN 2219–5408.
[14 - М]. Раҷабов, М. Муҳимияти масъалаҳои илмшиносии педагогӣ дар Тоҷикистон / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2015. - №3 (64). – С. 3-6. ISSN 2219–5408.

[15 - М]. Раджабов, М. Проблемы квалиметрического анализа исследований таджикских ученых / М. Раджабзода // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). – 2015. - № 1(48). -С. 98-104. ISSN 2077-8325.
[16 - М]. Раҷабзода, М. Вазъият ва дурнамои омӯзиши мушкилоти истилоҳоти педагогӣ: таҳқиқоти квалиметрӣ / М. Раҷабзода // Паёми донишкадаи забонҳо. – 2019. – № 4(36). – С. 90-98. ISSN 2226-9355.
[17 - М]. Раҷабзода, М. Таҳаввулоти таҳқиқи проблемаҳои педагогӣ ва таассури он дар низоми маориф ва илм / М. Раҷабзода // Паёми донишкадаи забонҳо. – 2020. – № 1(37). – С. 81-89. ISSN 2226-9355.
[18 - М]. Раҷабзода, М. Педагогикаи муосири миллӣ: таҳлили квалиметрии пажӯҳишҳои бунёдӣ / М. Раҷабзода // Паёми Донишкадаи забонҳо. – 2020. – № 2(38). – С.76-85. ISSN 2226-9355.
[19 - М]. Раджабзода, М. Квалиметрия как инструмент оценки качества и эффективность педагогических исследований / М. Раджабзода // Вестник института языков. – 2020. – № 3(39). – С.89-95. ISSN 2226-9355.
[20 - М]. Каримова, И.Х. Моҳияти методологияи таҳқиқоти педагогӣ, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он / И.Х. Каримова, **М.Раҷабзода** // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. – №3(44). – С.11-18. ISSN 2222-9809.
[21 - М]. Раҷабзода, М. Ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва таҳлили квалиметрии он / М. Раҷабзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – № 3(39). – С.86-95. ISSN 2617-5320.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар таҳқиқоти тақризшаванда якчанд норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Диссертасияи тақризшаванда ба таҳлили диссертатсияҳои ҳам дар шуроҳои диссертатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар шуроҳои диссертатсионии Федератсияи Россия дар соҳаи илмҳои педагогӣ ҳимояшуда бахшида шудааст. Аммо дар саҳифаҳои 46-48 диссертатсия талабот ба шуроҳои диссертатсионӣ, муҳтаво ва шакли диссертатсияҳо танҳо дар мисоли санадҳои меъёрии ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, санадҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мадди назари муаллифи рисола дур мондаанд.

2. Дар саҳифаи 125 диссертатсия дастовардҳои илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар давоми солҳои 2015-2020 мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Хуб мебуд, агар нишондиҳандаҳои солҳои 2021-2022 низ дар ин муассисаи илмӣ-педагогӣ таҳқиқ карда мешуданд.

3. Дар зербоби 2.3. диссертатсия нишон дода шудааст, ки муаллиф таҳлили квалиметрии самтҳои асосии таҳқиқоти мавзуии педагогиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли таҳқиқоти ходимони илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони

Ҷомии ҳамин академия ва баъзе муҳаққиқони алоҳида анҷом додааст. Аммо, мутаассифона, тамоми таҳқиқоти педагогии таҳлилшуда танҳо ба ходимони илмии ду муассисаи мазкур дахл доранд.

4. Ба фикри мо, агар унвонҷӯ дар матни диссертатсия ноқисиҳои услубӣ-техникии аз диди меъёрҳои забонӣ мавҷударо ислоҳ мекард, сифати кор хуб ва мутолиаи ин ба оммаи васеи хонандагон возеҳтар мегардид.

Нуктаҳои дар боло зикршуда метавонанд ба осонӣ ислоҳи худро ёбанд ва онҳо аз диди илмию таҳқиқотӣ ба муҳтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсир намерасонанд.

**Хулоса:** Интихоби мавзуъ, гузориш ва ҳалли мушкилоти асосии дар таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» гузошташуда тарзи нави таҳқиқот аз нигоҳи илми муосири педагогӣ буда, муҳтавои он дар сатҳи зарурии илмӣ қарор дорад. Диссертатсия бо забони равшани илмӣ навишта шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мақсади гузошташуда ба даст омадааст, вазифаҳои дар пеш буда пурра иҷро шудаанд. Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба пуррагӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикос намудааст. Дар монография ва мақолаҳои илмии муаллиф низ муҳтавои диссертатсия инъикос ёфтааст. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок гардида ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҷабзода Маҳмадулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” аз 19.03.2025, №8 А, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Раҷабзода Маҳмадулло иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 монография ва 41 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷой дода шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Мирал須зода Абдусалом Мустафо - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.

2. Латифзода Диловар Назришоҳ доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон. Муқарриз тавсия пешниҳод намудааст.

3. Г.Я. Гревцева - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва таҳсилоти фарҳанги миллии Донишгоҳи давлатии фарҳангии Челябинск, аъзо корреспонденти Академияи илмҳои табиатшиносии Россия, Б.С. Сафаралиев - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фаъолияти иҷтимоӣ – фарҳангии Донишгоҳи давлатии фарҳангӣ Челябинск, академики Академияи илмҳои табиатшиносии Россия. Тақриз мусбат арзёбӣ гардидааст.

4. Мирзоев Абдулазиз Раҷабович - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.

5. Юлдошев Умарҷон Раҳимович доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони русии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибн Сино. Тақриз мусбат мебошад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки, автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос намуда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабзода Маҳмадулло барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 29 январи соли 2025, №26-ИҲ, тибқи банди 61 Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- раванди ташаккул ва тамоюлоти асосии таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон бо шумули таҷрибаи даврони шуравӣ **таҳқиқ карда шуд**;

- вазъи имрӯзаи таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон **арзёбӣ гардид;**

- тамоюлоти асосие, ки тӯли даврони истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон дар соҳаи илмҳои педагогӣ ба амал омадаанд **мушаххас гардиданд;**

- камбудиҳои асосии методологии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва коркарди технологияи ошкорсозии сабабу омилҳо, муқаррар кардани роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии онҳо **муайян гардиданд;**

- мушкилоти муҳаққиқони ватанӣ ҷиҳати риояи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таҳия, ороиш, пешниҳод ва ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ **ошкор ва асоснок карда шудаанд;**

- фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ ва экспертӣ оид ба илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон аз манзари квалиметрия **таҳлил карда шуданд;**

- меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои квалиметрии арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва дигаргунсозии низоми онҳо, барои таҳияи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ, инчунин, «Консепсияи рушди илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» **пешниҳод карда шуданд;**

- таҷрибаи ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ, аз ҷумла фаъолияти КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муҳим ва марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон **мавриди омӯзиш қарор дода шуд;**

- самтҳои асосии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илмҳои педагогӣ **мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

- намунаҳои таҳлили квалиметрии навъҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) коркард шуда, истифода аз онҳо барои таҳлили квалиметрии фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, натиҷаҳои илмии ин ниҳодҳо, муҳаққиқони соҳаи педагогика ва **муйянсозии дурнамои рушди илмҳои педагогӣ мусоидат менамояд;**

- заминаҳои асосии ташаккул ва рушди таҳқиқоти педагогӣ дар асоси шароитҳои мушаххаси сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вазъи илм, маориф ва фарҳанг **мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешаванд;**

- асосҳои ташаккул ва рушди пажӯҳишҳои педагогӣ дар заминаи суннатҳо, арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ **омӯхта мешаванд;**

- сабабҳо, омилҳо ва пайомадҳои дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтани дастовардҳои таърихии педагогикаи миллӣ **муайян карда мешаванд;**

- дар заминаи дастовардҳои квалиметрияи муосир такмил додани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби коршиносон **анҷом дода мешаванд;**

– таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ дар заминаи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва дастовардҳои илми муосир **таҳия ва таълиф мегарданд;**

– оид ба таҳқиқ, мураттабсозӣ, ҳамгунсозӣ ва танзими истилоҳоти соҳаи педагогика дар самти таҳияи луғатҳои дузабона ва бисёрзабона, луғатҳои зинаҳои гуногуни таҳсилот **ба роҳ монда мешавад.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- дар шуроҳои диссертатсионии АТТ ва ПРМ АТТ баррасии диссертатсияҳо беш аз пеш беҳтар гардида, риояи талаботи методологӣ ва расмӣ аз ҷониби унвонҷӯён , асосан, **таъмин мегардад;**

- масъулияти роҳбарони илмӣ ва кафедраҳои пешбар нисбат ба интихоби мавзуъҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯён ва забони таҳқиқот, дар раванди баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраҳои пешбар сатҳи алоқамандии мавзуи таҳқиқот ба инобат гирифтани муҳиммияти мавзуи таҳққиқот ва алоқамандии он ба манфиатҳои миллӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ дар рушди педагогикаи ватанӣ ва таҳсилот **мусоидат менамояд;**

- «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) бо меъёрҳояш самаранок буда, истифодаи он аз ҷониби коршиносони сатҳҳои гуногун метавонад ба болобарии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла дар соҳаи педагогика **мусоидат намояд;**

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки тавсеаи робитаҳои илмӣ-техникӣ бо кишварҳо, минтақаҳо ва ташкилотҳои мушаххаси байналмилалӣ ва дар ин замина таҳия намудани лоиҳаҳо ва барномаҳои байналмилалии ҳамкорӣ **равона мегардад;**

- тавсеа ва рушди тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, дар риштаҳои гуногуни илму маориф, низоми таҳсилот, махсусан, дар самти таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ муносибатҳои комилан нав ва рушдёбанда **фароҳам меоварад;**

- ҷойгоҳи квалиметрияро дар таҳқиқоти илмҳои педагогикӣ ва заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди пажӯҳишҳо дар ин самтро ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар арзёбии таҳқиқоти педагогии анҷомдодашуда мушкилоту норасоиҳоро пайдо намуда, барои дурнамои рушди навъҳои гуногуни таҳқиқот дар ин соҳа **нақши назаррасро ба анҷом мерасонад.**

- ҷойгоҳ ва муҳиммияти таҳқиқи проблемаҳои истилоҳоти педагогӣ дар диссертатсия мавриди омӯзиш қарор гирифта, қайд шудааст, ки дар ин радиф омӯзиши осори илмӣ оид ба тавсифи генетикии сарчашмаҳои ба забон наздик нақши калон мебозад. Ин имкон медиҳад, ки методология, методҳои интихоб, сохтор, шакл, пайдоиш ва рушди низоми истилоҳот муайян карда шуда, равандҳои ташаккули забони илм ва истилоҳоти забони муосири тоҷик **танзим карда шаванд;**

- барои рушди бомароми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва мутобиқсозии пажӯҳишҳои илмӣ ба таҳаввулоти азими ҷомеаи муосир дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии педагогӣ бояд ба сифати самтҳои асосиву афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ омӯзиши хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, фалсафаи таҳсилот дар асри иттилоот, равандҳои инноватсионӣ ва демократикунонӣ дар соҳаи маорифу таҳсилот **мусоидат менамояд;**

- пешгирии таъсири пайомадҳои таҳаввулоти ҷаҳони муосир ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим, татбиқи технологияҳои муосири таълиму тарбия, идома додани таҳқиқи мероси педагогии ниёгони халқи тоҷик, ҷалби таваҷҷуҳи олимони тоҷик ба проблемаҳои педагогикаи муқоисавӣ ва самту равияҳои нави педагогикаи миллӣ-валеология, квалиметрия, библиометрия, менеҷменти илму маориф ва амсоли инро **шароит муҳаё менамояд;**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ташкили мақсадноки технологияи равандҳои китобдорӣ-библиографӣ ва васеъ намудани имкониятҳои қабул ва арзёбии селаи иттилоотӣ-ҳуҷҷатӣ ёрӣ расонида, ба ин васила, ба раванди таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ **мусоидат менамоянд;**

**-** барои натиҷагирӣ ва баҳогузории квалиметрӣ диссертатсияи ҳимояшаванда **м**атритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия (МТКД) пешниҳод карда мешавад, ки матритсаи мазкур дар тамоми сатҳҳои арзёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба кор бурда шавад: пешдифоъ дар кафедра, дар Шурои диссертатсионӣ зимни ташхис ва дифоъ, аз ҷониби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар, ташхис дар КОА ва дар таҳлили квалиметрӣ аз ҷониби коршиносон **танзим карда мешаванд;**

- зимни таҳқиқот бо истифода аз баъзе нишондиҳандаҳои «Дастурамали баҳогузории маҷмуӣ ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳо ва ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии

касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.06. 2016, №9/41) квалиметрияи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии ниҳодҳои илмӣ **таҳлил карда мешаванд;**

- тавассути матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия (МТКД) рейтинги илмии кафедра, муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолияти ҳайати омӯзгорон ва ходимони илмӣ **баҳогузорӣ карда мешавад;**

**-** дар заминаи дастовардҳои квалиметрияи муосир такмил додани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби коршиносон **анҷом дода мешаванд;**

**-** таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ дар заминаи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва дастовардҳои илми муосир **муҳаё мегардад;**

**-** барои вусъат бахшидан ба раванди таҳқиқоти педагогӣ дар мамлакат дар сохтори АТТ ташкил намудани Маркази миллии квалиметрияи педагогӣ, ба чоп омода намудани натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, маркетингӣ вобаста ба мавзуъҳо ва проблемаҳои соҳаҳои нави педагогика, идомаи таҳқиқот оид ба «Энсиклопедияи педагогикаи халқи тоҷик», тарҷума ва нашри асарҳои нодир оид ба дастовардҳои педагогикаи башарият ва таъсиси китобхонаи бунёдии педагогӣ дар Тоҷикистон аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим дар фаъолияти ояндаи ин Академия **ба шумор мераванд;**

**- м**уҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар шакли мақолаи илмӣ-методӣ, дастур ва ҷузъаҳои алоҳида ба омӯзгорону мутахассисон **дастрас гардонида мешаванд;**

**-** натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, АТТ, ПРМ, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ **пешниҳод ва муҳокима гардиданд;**

- маводди таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти педагогӣ метавонанд татбиқ гарданд. Ҳамзамон, нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ метавонанд **мавриди истифода қарор дода мешаванд.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум мeёбад:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

**- дар ҷамъоварии маводи фактуалӣ барои рисола**, аз он ҷумла коркарди методологияи ҷамъ овардани фактҳо, методи коркарди натиҷаҳо, баҳогузории ба дараҷаи лозимӣ дуруст ва кофӣ будан барои анҷоми корҳо аз болои рисола;

**- чопи кардани маҳолаҳои илмӣ** дар нашрияҳои аз тарафи КОА тавсияшуда; мавҷудияти маҳолаҳои илмӣ дар маводҳои конференсияҳои мухталиф;

**- иҷрои корҳоии назариявӣ ва таҷрибавӣ** аз рӯи мавзуи таҳқиқотии рисола, ки дар қисми хотимавӣ механизми аз тарафи муаллиф коркардашудаи ҳалли мушкилоти омӯхташуда, баҳодиҳии пешакӣ ва вариантҳои рушди объекти тадқиқшаванда, чорабиниҳои дурнамоӣ, ки барои бештар шудани самаранокии амалкунии он мусоидат мекунанд ва ѓайра;

**- омодасозии матни ниҳоии бобҳои диссертатсия,** ки қисми амалии он ҳатман бояд таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи ҳолати ҷории мавзуи таҳқиқшаванда бо истифодаи усулҳои замонавии коркард ва шарҳи маълумотро тибқи технологияи компютерӣ ва ба расмият даровардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;

- **пешниҳоди таҳқиқоти диссертатсионӣ барои баррасӣ ва муҳокима** ба кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода.

**Инчунин, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ бевосита аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва маводи бойгонӣ истифода бурда, тӯли солҳои зиѐд дар раванди арзѐбии илмии рисолаҳои ҳимояшаванда оид ба илмҳои педагогӣ ба сифати узви шурои диссертатсионӣ, муқарриз, муқарризи расмӣ бевосита ширкат варзида, тавассути он аз методҳои квалиметрии арзѐбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар заминаи омӯзиш муҳаққиқ тавассути таҳияи матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия, нашри асару мақолаҳои илмӣ бори нахуст афзалияти истифодаи методҳои квалиметриро дар ҷараѐни арзѐбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла диссертатсионӣ, собит намудааст.

Дар маҷлис аз 8 майи соли 2025, №47 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Раҷабзода Маҳмадулло ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 10 нафар, муқобили – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 08.05.2025

Муҳри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.